# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 − Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионие, ки аз тарафи унвонҷӯ Буриев Б. Б. интихоб ва ьа таҳқиқ фаро гирифта шудааст, бешубҳа дар заминаи вазифаҳои муосири илми педагогика хело муҳим ва мубраму таҳқиқталаб мебошад.

Диссертатсия ва автореферати он ба мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» алоқаи осори ин мутафаккирон бо таҷрибаи таълим ва тарбия, ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи самараноки ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони ин аҳд ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводи мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва дигар маводҳои илмӣ-методӣ рисоларо таълиф намуда, фикру андешаҳои худро дар такя бо нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳодкардашуда арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории диссертатсия пурра мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзуи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки дар ҷараёни муносибатҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеаи тоҷик арзишҳои ахлоқӣ-маънавие, ки ба анъанаҳои таърихӣ асос меёбад, бо назардошти шароити муосир дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) ва дар дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбияи ҷумҳурии мо инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзуи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳаққиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Асоси методологии таҳқиқотро қазияҳои асосгузорандаи фалсафа, педагогика, психология, гуфтаҳои ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ходимони адабиёт, фарҳанг ва таърих дар бораи зарурати дар ҷараёни таълиму тарбия омӯзиш ва истифодаи мероси педагогӣ ва фарҳангии намояндагони бузурги илм, адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик, аз ҷумла мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ, инчунин санадҳои қонунгузории мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили омӯзиши мероси мутафаккирони бузурги гузаштаи мо, консепсияҳое, ки ба азнавсозӣ ва муносибгардонии ҷараёни таълим ва тарбия равона шудаанд, ташкил доданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия масъалаҳои дараҷаи омӯзиши илмии осори адабӣ–педагогии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ дар асарҳои илмӣ ва таърихӣ аз назари илмӣ таҳлилкардашуда, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии ҷомеа дар ин асрҳо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои асосии рушди афкори педагогии халқи тоҷик дар давраи мазкур муайян карда шудаанд.

Аз тарафи унвонҷӯй мақсади асосии таҳқиқот дуруст муайян карда шудааст ва он аз таҳия ва ба таври озмоишӣ санҷидани самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ мебошад.

Аз ин рӯ, аз нигоҳи мо, унвонҷӯй Буриев Бахтиёр мавзуи рисолаи диссертатсиониашро дуруст интихоб намуда, то андозае барои ҳалли

мушкилоти дар соҳаи таълими математика ҷой дошта таҳқиқоти арзишмандро ба анҷом расонидааст.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки дохил кардани дастовардҳои математикони асримиёнагии Шарқ ба раванди омӯзиши математикӣ ба ташаккули робитаҳои байнифаннӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки математика бо таърих, фарҳангшиносӣ ва ҳатто санъат ҳамгиро карда шавад ва ин омӯзишро шавқовартару пурмазмунтар мегардонад. Ин равиш фаъолияти маърифатии хонандагонро бештар карда, онҳоро ба корҳои илмӣ ва илмии эҷодӣ ҳавасманд намояд.

Диссертант зикр намудааст, ки ҳолати раванди ташаккул ва рушди афкори педагогии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ аҳамияти хеле калони илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва таълиму тарбиявӣ дошта, дорои хусусиятҳои хоси педагогӣ ва психологӣ мебошад, ки онро бояд ба риштаи омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ кашид.

Дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст;

– хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳое, ки дар рисола таҳрезӣ шудаанд, мувофиқ аст.

Мазмуни автореферат ва маводи нашршуда ба мазмуни диссертатсияи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Забон ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ба меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Унвонҷӯй баъди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ ба чунин хулоса омадааст, ки афкори педагогии халқи тоҷик аз оғоз то замони имрӯзаи мо байни худ алоқаи ногусастанӣ дошта, дар рушд ва такомули афкори педагогӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва ба камол расонидани инсони ҳаматарафа рушдёфта нақши беназиреро иҷро кардааст.

Дар ин росто, таъкид гаштааст дар диссертатсияи мазкур, агар аз тарафи олимон, донишмандон ва пажӯҳишгарони илми педагогика ва психология мавзуи мазкур ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мавриди

баррасӣ қарор дода мешуд, дар рушд ва ривоҷу равнақи афкори педагогӣ ва такомули афкори педагогии халқи тоҷик ва дар ин замина равнақ бахшидани кори таълиму тарбия саҳми назаррасе мебуд.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳиммият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, равон ва устокорона иҷро карда шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент, муовини директори
Маркази таълимии ҷумҳуриявии "Логос" Ҷумъа Булбулов
18.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ВМКБ,ш.Хоруғ
кӯчаи Н.Қурбонасейн 16, Тел:(+992) 935006243
E-mail: logos.edu05@gmail.com

Имзои Ҷумъа Булбулов–ро тасдиқ менамоям.

Директори Маркази таълимии
ҷумҳуриявии "Логос":: Собирова Д.